# 322405 - Ҳадис оиди охирин инсоне, ки вориди биҳишт мешавад

## савол

Ҳадиси охирин марде, ки вориди биҳишт мешавад, қасреро мебинад, пас ба саҷдакунон меафтад ва ба ӯ гуфта мешавад: Саратро баланд кун, ба ту чӣ шуд? Мегӯяд: Ман Парвардигорамро дидам, ё Парвардигорам ба ман зоҳир шуд. Пас ба ӯ гуфта мешавад: Ин хонаест аз байни бисёр хонаҳо. Он гоҳ шахсеро мебинад, ки дар рӯяш нуре медурахшад ва ба ӯ мегӯяд: Ман яке аз ҳазорон хизматгорон ҳастам. Оё ин ҳадис саҳеҳ аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мо ҳадисеро бо ин лафз наёфтем. Аммо бо санадҳои саҳеҳе омадааст, ки барои охирин марде, ки вориди биҳишт мешавад, неъмати бузурге омода карда шудааст. Чуноне ки дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омадааст: Паёмбар  (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**«Ман охирин фарди дӯзахиро, ки аз дӯзах берун меояд ва охирин фарди биҳиштиро, ки вориди биҳишт мешавад, медонам. Мардест, ки гаваккашон (хазида) аз дӯзах берун меояд. Аллоҳ таъоло ба ӯ мегӯяд: Бирав ва ба биҳишт дохил шав. Ӯ ба сӯи биҳишт меравад ва фикр мекунад, ки биҳишт пур шудааст. Пас боз мегардад ва мегӯяд: Парвардгоро, биҳиштро пур ёфтам. Аллоҳ таъоло ба ӯ мегӯяд: Бирав ва ба биҳишт дохил шав. Ӯ ба сӯи биҳишт меравад ва фикр мекунад, ки биҳишт пур шудааст. Пас боз мегардад ва мегӯяд: Парвардгоро, биҳиштро пур ёфтам. Аллоҳ таъоло ба ӯ мегӯяд: Бирав ва ба биҳишт дохил шав, ки мисли дунё ва даҳ баробари он аз они туст. (Ё даҳ баробари дунё аз они туст). Мегӯяд: Парвардигоро, Ту подшоҳи мутлақ ҳастӣ, оё маро масхара мекунӣ ва бар ман механдӣ?»**

(Ибни Масъуд Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод мегӯяд:) Расулуллоҳ  (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро дидам, ки хандид то ин, ки дандонҳои ақли ӯ намоён шуд. Ӯ мегуфт: **«Ин поёнтарин биҳиштӣ аз лиҳози мақому манзалат аст».**

Ривояти Бухорӣ (6571) ва Муслим (186).

Дар ҷавоби саволи рақами (178449) метавонед ривояти дигареро оиди қиссаи охирин фарде ки вориди биҳишт мешавад, бихонед.

Аллоҳ донотар аст.